# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Олимзода Шафоат Эргаш дар мавзуи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 - Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст.**

Стероидҳо имрӯз ҳамчун яке аз гурӯҳҳои калидии пайвастагиҳои фаъоли тиббӣ мавқеи хос доранд. Онҳо дар равандҳои физиологӣ ва биохимиявии организм нақши муҳим мебозанд ва ҳамчун асос барои таҳияи доруҳои нав ва модификасияи пайвастагиҳо истифода мешаванд. Дар соҳаи гастроэнтерология ва гепатология, стероидҳо махсусан барои табобати илтиҳобҳо, бемориҳои захмӣ, бемориҳои рӯда ва бемориҳои системаи гепатобилиарӣ, аз ҷумла гепатит ва холецистит, аҳамияти калидӣ доранд. Бо истифодаи ин пайвастагиҳо, табобати самаранок ва мӯҳлати дароз таъмин карда мешавад. Ҳоло зиёда аз сад навъи дорувории стероидӣ истеҳсол мешавад, ки онҳо дар шаклҳои гуногун аз қабили ҳаб, капсула, маҳлул, суспензия ва доруҳои маҳаллӣ – пешниҳод шудаанд ва барои ҳар як гурӯҳи беморӣ имкони истифодаи доруи мувофиқ фароҳам оварда мешавад. Бо вуҷуди ин, таҳқиқотҳо оид ба синтези пайвастагиҳои нави стероидӣ ва эфирҳои аминокислотавӣ ҳанӯз нокифояанд. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки робитаи байни сохтори химиявӣ ва фаъолияти биологиро муайян ва барқарор кунан, зеро ин омил барои таҳияи агентҳои литолитикӣ, гипохолестеролемикӣ ва гепатопротекторӣ аҳамияти калон дорад. Ин раванд имкон медиҳад, ки пайвастагиҳои нави стероидӣ бо хосиятҳои фармакологӣ баланд ва таъсири равшан ба системаи гепатобилиарӣ таҳия шаванд. Ғайр аз ин, истифодаи стратегияҳои синтези органикӣ ва ворид кардани гурӯҳҳои функсионалии гуногун, аз қабили эфирҳои аминокислотагӣ, самти нави таҳқиқотӣ дар таҳияи доруҳои нав фароҳам меорад.

Кори мазкур тамоми марҳилаҳои муҳими таҳқиқотро дар бар мегирад, аз ҷумла таҳлили моддаҳои ибтидоӣ, роҳҳои синтез, модификация ва омӯзиши хосиятҳои биологӣ ва фармакологии пайвастагиҳои ҳосилшуда. Муаллиф тавассути усулҳои муосири таҳлилӣ, аз қабили спектроскопияи инфрасурх (СИ), масс-спектрометрия, РМП ($^{1}H$ ва $^{13}C$), хроматографияи қабати тунук ва газӣ, таркиб ва сохтори химиявии пайвастагиҳои синтезшударо ба таври дақиқ муайян кардааст. Ин усулҳо ба муаллиф имкон доданд, ки на танҳо дурустии синтезро тасдиқ намояд, балки хусусиятҳои функсионалии молекулаҳоро низ омӯхта, робитаи байни сохтор ва фаъолияти биологиро таҳлил кунад. Дар маҷмӯъ, кори диссертатсионӣ дорои аҳамияти назаррас буда, самти нави тадқиқотиро дар соҳаи синтез ва модификасияи стероидҳои кислотаи холанӣ

бо эфирҳои аминокислотаҳо фароҳам меорад ва имконият медиҳад, ки натиҷаҳои он дар таҳияи агентҳои фармакологӣ ва истифодаи клиникӣ истифода шаванд. Ин кори илмӣ барои рушди илми химияи органикӣ муосир саҳми ҷиддӣ дорад. Ҳамчунин, диссертатсия дорои навоварии илмӣ мебошад, ки дар он методикаҳои синтези мақсадноки агентҳои фаъоли фармакологӣ, ки селективӣ, устувор ва самаранок мебошанд, пешниҳод шудааст. Аз ҷиҳати мувофиқати назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ва сатҳи таҳлилӣ, автореферат ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ»–и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф кори худро дар сатҳи илмии баланд анҷом дода, бе шак, сазовори дараҷаи илмии номзад аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 – «Химияи органикӣ» мебошад.

Тақриздиҳанда: мудири кафедраи химияи органикӣ ва
биологияи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,
доктори илмҳои химия, дотсент Гулов Т.Ё.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 121. (+992907807010) gulov1964@ bk.ru

Имзои д.и.х., дотсен, Т.Ё.Гуловро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Қодирзода С.

«14» 01 соли 2026

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС